# Созишнома
## байни Ҷумҳурии Австрия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон
## оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ

Ҷумҳурии Австрия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минбаъд «Тарафҳои Аҳдкунанда» номида мешаванд,

- бо даъвати он, ки сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҷиҳати рушди миллӣ ва байналмилалӣ ҳамчун дастгирии муҳим маҳсуб ёфта, дар Конференсияи байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди маблағгузорӣ, ки моҳи марти соли 2002 дар Монтерей (Мексика) баргузор гардид ("Монтерей Консенсус") ифода ёфта буд;
- бо эътирофи он, ки Созишномаи мазкур ба муносибатҳои мутақобилаи сармоягузорон ва сармоягузориҳои онҳо, истифодаи самарабахши захираҳои табиӣ, фароҳам овардани шароити муносиб барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ мусоидат мекунад;
- бо дарки он, ки низоми сармоягузории адолатона, шаффоф ва пешбинишаванда дар асоси меъёрҳои қонунгузорӣ низоми тиҷоратии ҷаҳонро мукаммалу муфид месозад;
- бо хоҳиши таҳкими муносибатҳои дӯстона ва такмили ҳамкориҳои иқтисодӣ байни онҳо тавассути эҳтироми сармоягузориҳои шаҳрвандон ва ширкатҳои яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда дар қаламрави Тарафи дигар;
- бо эътирофи ӯҳдадориҳое, ки дар Эъломияи вазоратии соли 2006 Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид оид ба пурра бо ҷойи кори муносиб таъмин намудан, дарҷ ёфтаанд;
- бо истинод ба ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ва аҳдномаҳои ба эҳтироми ҳуқуқи башар тааллуқдошта;
- бо эътирофи он, ки сармоягузорӣ яке аз механизмҳои болоравии иқтисодиёт буда, метавонад ҷиҳати таъмини иқтисодиёти мустаҳкам нақши муҳимро иҷро намояд;
- бо дарки комёб шудан ба ин мақсадҳо тавассути ҳифзи саломатӣ, бехатарӣ, муҳити зист ва рушди стандартҳои эътирофшудаи байналмилалии меҳнат;
- бо изҳори эътиқоди онҳо, ки рафтори масъулиятноки муштарак, ки дар Дастури Ташкилоти муносибатҳои иқтисодӣ ва рушд (ТМИР) оид ба корхонаҳои бисёрмиллат дарҷ гардидаанд, метавонад ба боварии мутақобилаи байни ширкатҳо ва давлатҳои қабулкунанда мусоидат кунад;
- бо таъкид ба ҳукуматҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба риояи кӯшиши зиддикоррупсионии Созмони Милали Муттаҳид ва Ташкилоти муносибатҳои иқтисодӣ ва рушд (ТМИР), махсусан Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия (2003);
- бо дарназардошти принсипҳои Аҳдномаи Умумиҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид;
- бо тасдиқи он, ки созишномаҳои сармоягузорӣ ва созишномаҳои бисёрҷониба оид ба ҳифзи муҳити зист, ҳуқуқҳои башар ё ҳуқуқҳои меҳнат

воситаҳои рушду таҳкими ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, ҳама гуна номутобиқати имконпазир бояд бе заиф намудани стандартҳои муҳофизат ҳал карда шаванд;

ба мувофиқаи зайл расиданд:

## БОБИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### МОДДАИ 1
### МАФҲУМҲО

Барои мақсадҳои Созишномаи мазкур мафҳумҳои зерин истифода шудаанд:

1. «Сармоягузори Тарафи Аҳдкунанда»:

(а) шахси воқеие, ки мутобиқи қонунгузории Тарафи Аҳдкунанда дар ҳақиқат шаҳрванди он мебошад;

(б) ташкилоте, ки мутобиқи қонунгузории Тарафи Аҳдкунанда ташкил шудааст ва дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар ба сармоягузорӣ машғул аст ё аллакай сармоягузорӣ кардааст.

2. «Сармоягузорӣ аз ҷониби сармоягузорони Тарафи Аҳдкунанда» - тамоми намуди сармоягузориро, ки дар қаламрави яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда, мустақим ё ғайримустақим, аз ҷониби сармоягузорони Тарафи Аҳдкунандаи дигар ифода менамояд. Сармоягузориҳо дорои хусусияти махсус доштанро мефаҳмонад, ба монанди сармоя гузоштан ё дигар саҳмгузориҳо, даромад ё фоидаи пешбинишаванда, ба зимма гирифтани хатар, ки инҳоро дар бар мегирад:

(а) ташкилоте, ки дар банди 3 муайян шудааст;

(б) саҳмияҳо, фондҳо ва дигар намуди иштироки баробар дар ташкилот, ки дар банди 3 оварда шудааст ва дигар ҳуқуқҳое, ки аз он бармеояд;

(в) вомбаргҳо, ӯҳдадориҳои қарзӣ, қарзҳо ва дигар намудҳои воситаҳои қарзӣ ва ҳуқуқҳои аз ин амалиёт бадастомада;

(г) ягон ҳуқуқ ё талаботи пулӣ ё амалиёт, ки дар асоси қонун ё шартнома иҷозат дода шудаанд, аз он ҷумла азнавсозӣ, бинокорӣ, идоракунӣ ё шартномаҳои тақсимоти даромад ва имтиёзҳо, рухсатномаҳо, ваколатҳо ё иҷозатномаҳо ҷиҳати татбиқи амалиёти иқтисодӣ;

(д) ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ ва моликияти ғайримоддӣ, ки арзиши молиявӣ доранд, аз он ҷумла ҳуқуқҳои моликияти саноатӣ, ҳуқуқҳои муаллифӣ, тамғаи корхона, ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ ба монанди патентҳо, нишондиҳандаҳои ҷуғрофӣ, моделҳои саноатӣ ва равандҳои технологӣ, ҳуҷҷатҳои махфии тиҷоратӣ, номҳои тиҷоратӣ, навовариҳо (ноу-хау) ва активҳои ғайримоддӣ;

(е) тамоми дигар намуди моликияти моддӣ ё ғайримоддӣ, манқул ё ғайриманқул ё ягон ҳуқуқҳои амволи ба ин вобаста, ба монанди иҷора, ипотека, нигоҳ доштан ва гарав;

3. «Ташкилот» - шахси ҳуқуқӣ буда, мувофиқи қонунгузории Тарафи Аҳдкунанда барои ба даст овардани фоида, дар шакли хусусӣ ё дар ихтиёри давлат, ба монанди корпоратсия, ширкат ё корхонаи муштарак ё ягон дигар ассотсиатсия, инчунин корхонаи боварӣ, сохибмулки асосӣ ё шӯъбае, ки дар қаламрави Тарафи Аҳдкунанда ҷойгир аст ва фаъолияти соҳибкориро

ба амал мебарорад, ташкил шудааст.

4. «Даромадҳо» - маблағҳоеро мефаҳмонад, ки аз сармоягузориҳо ба даст омадаанд ва махсусан инҳоро дар бар мегирад: фоида, манфиат, даромад аз сармоя, дивидендҳо, роялти, пардохтҳо барои иҷозатномаҳо, пардохтҳои идоравӣ, пардохтҳо барои кӯмакҳои техникӣ ва дигар пардохтҳо.

5. «Бе таъхир» - марҳилаеро ифода менамояд, ки барои иҷрои расмиёти барои пардохти ҷубронҳо ё интиқоли маблағҳо заруранд. Ин марҳила барои пардохти ҷубронҳо аз рӯзи мусодира ва барои интиқоли пардохтҳо бошад аз рӯзе, ки дархост барои пардохт пешниҳод мешавад оғоз ёфта, мӯҳлати он набояд аз як моҳ зиёд бошад.

6. «Қаламрав» - нисбати ҳар як Тарафи Аҳдкунанда қаламрави хушкӣ, обҳои дохилӣ ва фазои ҳавоии онҳо, аз ҷумла минтақаҳои иқтисодӣ, ки дар он Тарафи Аҳдкунанда мутобиқи қонунҳои байналмилалӣ соҳибихтиёрии худро амалӣ месозад, ифода менамояд.

7. «Чораҳо» - амали танзимкунандаро ифода менамояд ва ҳама қонунҳо, танзимҳо, қарорҳо, равандҳо ва талаботро дар бар мегирад.

## МОДДАИ 2
## ТАШВИҚ ВА ҚАБУЛИ САРМОЯГУЗОРИҲО

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда, мувофиқи қонунҳо ва қоидаҳои худ, сармоягузорони Тарафи Аҳдкунандаи дигарро тарғиб ва қабул менамояд.

2. Ҳар гуна тағйироти шаклие, ки мутобиқи он амвол, сармоягузорӣ ё аз нав сармоягузорӣ мешавад, ба хусусияти амвол ҳамчун сармоягузорӣ таъсир намерасонад ва мисли пештара ҳамчун сармоягузорӣ арзёбӣ мегардад, ба шарте ки чунин тагйирот ба қонунгузории Тарафи Ахдкунандае, ки дар қаламрави он сармоягузорӣ амалӣ шудааст, мухолифат накунад.

## МОДДАИ 3
## НИЗОМИ САРМОЯГУЗОРИҲО

1. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда бояд ба сармоягузорони Тарафи Аҳдкунандаи дигар низоми адолатона, ҳифз ва бехатарии комилро таъмин намоянд.

2. Тарафҳои Аҳдкунанда набояд бо ҳар восита ё чораҳои гуногун ба идоракунӣ, амалиёт, нигоҳдорӣ, истифода, соҳибшавӣ, фурӯш ва барҳамдиҳии сармоягузории Тарафи Аҳдкунандаи дигар зарар расонанд.

3. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда бояд ба сармоягузориҳо ва даромадҳои сармоягузорони Тарафи Аҳдкунандаи дигар низоми адолатона ва баробарҳуқукро пешниҳод намоянд, ки мусоид будани он аз низоме, ки ба сармоягузориҳо ва даромадҳои сармоягузорони худӣ ё давлати сеюм вобаста ба идоракунӣ, амалиёт, нигоҳдорӣ, истифода, соҳибшавӣ, фурӯш ва барҳамдиҳӣ, инчунин ҳалли баҳсҳо оид ба сармояҳо ё даромадҳо, ки ҳар кадоме барои сармоягузор мусоид мебошад, пешниҳод менамоянд, камтар набошанд.

4. Ягон муқаррароти Созишномаи мазкур набояд тавре тафсир карда шавад, ки:

(a) боиси монеа шудан ба Тарафи Аҳдкунанда ҷиҳати иҷрои амалҳо

барои татбиқи ӯҳдадориҳои худ дар назди Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба нигоҳдории сулҳ ва бехатарӣ гардад; ё

(б) боиси монеа шудан ба Тарафи Аҳдкунанда барои иҷро намудани ӯҳдадориҳои худ ҳамчун аъзои Созишномаи ҳамгироии иқтисодӣ ба монанди минтақаи озоди иктисодӣ, иттиҳодияҳои гумрукӣ, бозори умумӣ, ҷамъияти иқтисодӣ, иттиҳоди пулӣ ва инчунин Иттиҳоди Аврупо, ё ин ки мувофиқи ӯҳдадориҳои Тарафи Аҳдкунанда, ки он бояд нисбат ба сармоягузорони Тарафи Аҳдкунандаи дигар ва сармоягузориҳою даромадҳои онҳо, низоми манфиатҳои минбаъда, афзалиятҳо ва имтиёзҳоро мувофиқи аъзогии худ, ки бо ин гуна Созишнома ё ягон Созишномаи бисёрҷониба оид ба сармоягузорӣ пешниҳод менамояд, гардад.

(в) Тарафи Аҳдкунандаро ӯҳдадор созад, ки ба сармоягузорони Тарафи Аҳдкунандаи дигар ҷиҳати сармоягузориҳо ё даромадҳои онҳо, манфиати хозира ва оянда, бартарӣ ва имтиёз, ки аз ӯҳдадориҳои Тарафи Ахдкунанда мувофиқи Созишномаи байналмилалӣ, қарордоди байналмилалӣ ё қонунгузории дохилӣ нисбат ба андозбандӣ бармеоянд, мусоидат намояд.

## МОДДАИ 4
## САРМОЯГУЗОРӢ ВА МУҲИТИ ЗИСТ

Тарафҳои Аҳдкунанда эътироф менамоянд, ки ҳавасмандгардонии сармоягузориҳо тавассути заиф намудани қонунгузории дохилии муҳитӣ зист номуносиб мебошад.

## МОДДАИ 5
## САРМОЯГУЗОРӢ ВА МЕҲНАТ

1. Тарафҳои Аҳдкунанда эътироф менамоянд, ки ҳавасмандгардонии сармоягузориҳо тавассути заиф намудани қонунгузории дохилии меҳнат номуносиб мебошад.

2. Қонунҳои меҳнатӣ – қонунҳо ва қоидаҳои ҳар як Тарафи Аҳдкунандаро мефаҳмонад, ки мустақиман бо ҳуқуқҳои зерини эътирофшудаи байналмилалии меҳнат алоқаманд мебошанд:

а) ҳуқуқи ташкили ассотсиатсия;

б) ҳуқуқи ташкил ва гуфтушуниди дастаҷамъӣ;

в) манъ кардани тамоми намуди меҳнати маҷбурӣ ва ҳатмӣ;

г) ҳифзи меҳнати кӯдакон ва ҷавонон, аз он ҷумла синну соли ҳадди ақали ба кор гирифтани кӯдакон, манъ намудан ва аз байн бурдани намудҳои душвори меҳнати кӯдакон;

д) шароитҳои кории қобили қабул нисбат ба музди ҳадди ақали меҳнат, давомнокии кор ва бехатарии касбӣ ва саломатӣ;

е) аз байн бурдани тавофут дар доираи хизмат ва касб.

## МОДДАИ 6
## ШАФФОФИЯТ

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда бояд саривақт оид ба қонунҳо, қоидаҳо, инчунин Созишномаҳои байналмилалӣ, ки метавонанд ба амали Созишномаи мазкур таъсир расонанд, интишор ё эълон намоянд.

2. Ҳар як Тарафи Ахдкунанда бояд саривақт ба саволҳои махсус ҷавоб

диҳад ва мувофиқи дархости Тарафи Аҳдкунандаи дигар маълумотро оид ба ягон намуди чораҳо ва масъалаҳои дар банди 1 овардашуда, пешниҳод намоянд.

3. Тарафҳои Аҳдкунанда набояд маълумотро нисбат ба сармоягузорони махсус ё сармоягузориҳо, ки ошкор намудани онҳо ба иҷрои қонунҳо монеа мешаванд ё ин ки ба қонунҳо ва қоидаҳои ҳифзи маълумоти махфӣ мухолиф мебошанд, таъмин намоянд ё ҷиҳати дастрас шудани онхо иҷозат диҳанд.

## МОДДАИ 7
## МУСОДИРА ВА ҶУБРОН

1. Тарафи Аҳдкунанда набояд мустақиман ё ғайримустақим сармояҳои Тарафи Аҳдкунандаи дигарро мусодира кунад ё ягон дигар намуди чораҳои ба ин мансубро пешбинӣ намояд, (минбаъд мусодира номида мешавад) ба истиснои:

(а) бо максадҳое, ки манфиатҳои ҷамъиятӣ доранд;

(б) бе мақсадҳои тавофут;

(в) мутобиқи қонун;

(г) бояд, ки бо пардохти ҷуброни фаврӣ, муносиб ва самаранок, мувофиқи бандҳои 2 ва 3 дар поён зикршуда, таъмин шавад;

2. Ҷуброн бояд, ки:

(а) саривақт пардохт шавад. Дар сурати таъхир андохтан, ки сабаби зарар дидан дар мубодилаи асъор мешавад, зарар аз тарафи қабулкунанда пардохт карда мешавад;

(б) бо арзиши асосии бозори сармояи мусодирашудаи пеш аз мусодира баамаломада, баробар бошад. Бо сабаби он, кн мусодира пештар ба таври оммавӣ эълон шуда буд, нархи аслии бозор набояд ягон тағйиротро дар арзиши бамиёномада, инъикос намояд;

(в) ба даъвогар пардохта шавад ва озодона ба давлате, ки даъвогар ихтиёр мекунад, ва бо асъори давлате, ки даъвогар шаҳрванди он мебошад ё бо асъори мубодилашавандаи озод, ки даъвогар эътироф менамояд, интиқол дода шавад;

(г) манфиатҳоро бо арзиши тиҷоратӣ, ки дар асоси қурби бозорӣ барои асъори пардохтшаванда аз рӯзи мусодира то рӯзи пардохти ҳақиқӣ ҷорӣ шудааст, дар бар гирад.

3. Сармоягузори Тарафи Аҳдкунандае, ки нисбати мусодираи баамаломада ба Тарафи Аҳдкунандаи дигар талаботи норозигӣ дорад, ҳуқуқ дорад ба мақомоти судӣ ё мақомоти ваколатдор ва мустақили Тарафи Аҳдкунандаи охирин барои фавран баррасӣ намудани ҳодисаи баамаломада, инчунин арзёбии сармояи худ ва пардохти ҷуброн мувофиқи шартҳои Созишномаи мазкур, муроҷиат намояд.

4. Чораҳои ғайритавофутии Тарафи Аҳдкунанда, ки барои ҳифзи манфиатҳои қонунии ҷамъият равона шудаанд ва истифода мешаванд, ба монанди ҳифзи саломатӣ, бехатарӣ ва муҳити зист, ба истиснои ҳолатҳои ғайриоддӣ, дар сурати, агар чора ё як қатор чораҳо аз нуқтаи назари мақсадҳои онҳо ҷиддӣ мебошанд, ки наметавонанд хамчун сабабнок қабул шуда, истифода ва баррасӣ шаванд, мусодираи ғайримустақимро ташкил намедиҳанд.

## МОДДАИ 8
## ҶУБРОНИ ЗАРАР

1. Сармоягузори Тарафи Аҳдкунандае, ки сармояи худро дар қаламрави Тарафи Аҳдкундаи дигар бар асари ҷанг ё дигар низоъҳои ҳарбӣ, ҳолатҳои фавқулодда, инқилоб, шӯриш, бетартибии шаҳрвандӣ ё аз қабили ин ҳодисаҳо ё воқеаҳои ғайричашмдошт ё офатҳои табиӣ зарар дидааст, Тарафи Аҳдкунандаи охирин бояд талофи зарарро дар намудиреститутсия, ҷуброн, товон, подош ё пардохтҳои дигаре пешниҳод кунад, ки Тарафи Аҳдкунандаи охирин ба сармоягузорони худӣ ё сармоягузорони давлати сеюм, ки ҳар кадоме барои сармоягузор муфид мебошад, пешниҳод менамояд, номусоид набошад.

2. Сармоягузори Тарафи Аҳдкунандае, ки бо сабаби яке аз ҳодисаҳои дар банди аввал зикршуда дар натиҷаи:

(а) мусодираи амволи ӯ ё қисми амволи ӯ аз ҷониби қувваҳо ё ҳукуматҳое, ки дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар фаъолият доранд; ё

(б) тороҷи амволи ӯ ё қисми амволи ӯ аз ҷониби қувваҳо ё ҳукуматҳои Тарафи Аҳдкунандаи дигар, ки ҳолати баамаломада аз сабаби зарурият набуда, дар натиҷаи он зарар мебинад;

ба зарардида аз ҷониби Тарафи Аҳдкунандаи охирин реститутсия ё ҷуброн дода мешавад, ки бояд дар ҳар дуи ҳолатҳо фавран, муносиб ва самаранок амалӣ гардад ва оид ба ҷуброн бошад, бояд мувофиқи Моддаи 7 бандҳои 2 ва 3 амалӣ гардад.

## МОДДАИ 9
## ИНТИҚОЛ

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда кафолат медиҳад, ки тамоми пардохтҳои ба сармоягузорони Тарафи Аҳдкунандаи дигар алоқаманд метавонанд, озодона ва бетаъхир ба дохил ва беруни қаламрави худ интиқол гарданд. Ин интиқолҳо махсусан, инҳоро дар бар мегиранд:

(а) сармояи аввалия ва фондҳои иловагӣ барои нигоҳдорӣ ё тавсеаи сармоя;

(б) даромадҳо;

(в) пардохтҳое, ки мувофиқи шартнома иҷро мешаванд, аз он ҷумла шартномаҳои қарзӣ;

(г) фоидаи аз фурӯш, пурра ё қисман барҳамдиҳии сармояҳо бадастомада;

(д) пардохтҳои ҷубронӣ мутобиқи моддаҳои 5 ва 6;

(е) пардохтҳое, ки дар натиҷаи ҳалли баҳсҳо ба амал меоянд;

(ё) музди меҳнат ва дигар пардохтҳои ашхоси хориҷӣ, ки ба сармоягузорӣ алоқаманд мебошанд.

2. Ғайр аз ин, ҳар як Тарафи Аҳдкунанда кафолат медиҳад, ки ин интиқолҳо метавонанд бо асъори мубодилашавандаи озод бо арзиши мубодилашавандаи қурби бозор, ки дар рӯзи интиқол дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандае, ки интиқол муайян шудааст, амалӣ карда мешаванд.Фоизҳои бонкӣ бояд адолатона бошанд.

3. Дар мавриди набудани бозори мубодилаи асъор, қурбе ки истифода мешавад, бояд дар асоси қурби мубодилаи на он қадар пештар

муқарраршудаи мубодилаи асъорҳо тавассути Ҳуқуқҳои Махсуси Иқтибос (Special Drawing Rights «SDR»), муайан карда шавад.

4. Мутобиқи бандҳои 1 то 3 ва бе расонидани зарар ба чораҳое, ки аз ҷониби Тарафи Аҳдкунанда тибқи ӯҳдадориҳои байналмилалии ӯ, ки дар моддаи 3 банди 4 зикр гардидааст, ба назар мерасад, Тарафи Аҳдкунанда метавонад ба интиқоли маблағҳо тавассути истифодаи қонуну қоидаҳои адолатона ва бетавофут оид ба шикастхӯрӣ, муфлисшавӣ ё ҳифзи ҳуқуқҳои қарздиҳанда, оид ба интишор, савдо ва хариду фурӯши коғазҳои қиматнок, даромади оянда, ихтиёркунӣ ва иқтибос, оид ба маълумот ё қайди интиқол, оид ба пешгирии маблағгузаронии ғайриқонунӣ ё маблағгузории террористҳо, ё марбут ба корҳои ҷиноятӣ ё муҳокимаҳои судӣ ва маъмурӣ монеа шавад, ба он шарте ки ин чораҳо ва истифодаи онҳо ҳамчун иҷро накардани вазифа ва ӯҳдадориҳои Тарафи Аҳдкунанда мутобиқи Созишномаи мазкур истифода бурда нашаванд.

## МОДДАИ 10
## СУБРОГАТСИЯ

Агар Тарафи Аҳдкунанда ё намояндаи таъиннамудаи ӯ тибқи суғурта, кафолат ё шартномаи суғуртаро, ки нисбат ба сармоягузорон дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар дода шудааст, пардохт намояд, Тарафи Аҳдкунандаи охирин бе расонидани зарар ба ҳуқуқҳои сармоягузор мувофиқи боби 2 қисми 1 Созишномаи мазкур, ваколатҳои ҳама гуна ҳуқуқҳо ё талаботи ин сармоягузорро, ки ба Тарафи Аҳдкунандаи собиқ ё намояндаи таъиннамудаи ӯ дода шудааст, инчунин ҳуқуқҳои Тарафи Аҳдкунандаи собиқ ё намояндаи таъиннамудаи ӯро ҷиҳати истифода аз чунин ҳуқуқҳо ва талабот тавассути суброгатсия, бояд дар сатҳи баробар бо ҷониби дуюм эътироф намояд.

## МОДДАИ 11
## ДИГАР ӮҲДАДОРИҲО

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда бояд ҳама ӯҳдадориҳое, ки ӯ бо сармоягузорони Тарафи Аҳдкунандаи дигар оид ба сармоягузориҳои махсус ба зимма гирифтааст, риоя намояд.

Ин маънои онро дорад, ки вайронкунии шартнома байни сармоягузор ва давлати қабулкунанда ё дигар мақомоти он, ба қатъ гардидани Созишномаи мазкур оварда мерасонад.

2. Агар қонунгузории яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ё ӯҳдадориҳои тибқи қонунҳои байналмилалии мавҷуда ё минбаъдаи байни Тарафҳои Аҳдкунанда ба таври иловагӣ бо Созишномаи мазкур, қоидаҳое дошта бошанд, чӣ умумӣ ва чӣ махсус, ки ба сармоягузориҳои шаҳрвандон ё корхонаҳои Тарафи Аҳдкунандаи дигар низомеро фароҳам оварад, ки аз низоми Созишномаи мазкур беҳтар мебошад, ин қоидахо ҳамон замоне аз Созишномаи мазкур афзалият пайдо мекунанд, ки бартарияти хоса дошта бошанд.

## МОДДАИ 12
## РАД КАРДАНИ МАНФИАТҲО

Тарафи Аҳдкунанда метавонад манфиатҳои Созишномаи мазкурро ба сармоягузори Тарафи Аҳдкунандаи дигар ва сармоягузориҳои ӯ рад намояд, ба шарте ки сармоягузори якуми зикршуда дар тасарруф ё назорати тарафе бошад, ки ба Созишнома ҳамроҳ нест ва он сармоягузор фаъолияти соҳибкории кофиро дар қаламрави Тарафи Аҳдкунанда, ки мувофиқи қонунгузории он ташкил шудааст, надорад.

## БОБИ II. ТАНЗИМИ БАҲСҲО
## ҚИСМИ 1: ТАНЗИМИ БАҲСҲО БАЙНИ САРМОЯГУЗОР ВА ТАРАФИ АҲДКУНАНДА

## МОДДАИ 13
## ДОИРАИ МУҚАРРАРОТИ СОЗИШНОМА

Қисми мазкур барои танзими баҳсҳои байни Тарафи Аҳдкунанда ва сармоягузори Тарафи Аҳдкунандаи дигар оид ба иҷро накардани ӯҳдадориҳои ягон Тараф, тибқи Созишномаи мазкур, ки сабаби зарар ё зиён овардан ба сармоягузор ё сармоягузориҳои ӯ мешавад, истифода бурда мешавад.

## МОДДАИ 14
## ВОСИТАҲОИ ТАНЗИМИ БАҲС ВА МӮҲЛАТИ ОН

1. Баҳсҳои бавуҷудомадаи байни як Тарафи Аҳдкунанда бо сармоягузори Тарафи Аҳдкунандаи дигар бояд ба қадри имкон, бо роҳи гуфтушунид ё машварат, ҳал гарданд. Агар баҳс бо ин роҳҳо ҳал нагарданд, сармоягузор метавонад барои ҳалли он роҳҳои зеринро пешбинӣ намуда, баҳсро ба мақомоти зерин пешниҳод намояд:

(а) ба суди ваколатдор ё суди маъмурии Тарафи Аҳдкунанда;

(б) мувофиқи ягон қоидаҳои танзими баҳсҳо, ки пештар татбиқ шуда буданд; ё

(в) мутобиқи моддаи мазкур:

(1) ба Маркази байналмилалии ҳалли баҳсҳои сармоягузорӣ («Марказ»), ки мутобиқи Конвенсия оид ба танзими баҳсҳои сармоягузории байни давлатҳо ва шарҳвандони давлатҳои дигар, ки дар Вашингтон 18 марти соли 1965 ба имзо расидааст («Конвенсияи ICSID»), дар сурати агар ҳар ду Тарафи Аҳдкунанда ба ин Конвенсия ҳамроҳ шуда бошанд; ё

(2) ба Марказ мутобиқи қоидаҳои танзимкунандаи Шароитҳои иловагӣ барои муҳокимаҳои маъмурӣ аз ҷониби Маъмурияти марказ, ба шарте ки Тарафи Аҳдкунандаи сармоягузор ё Тарафи Аҳдкунанда, тарафи баҳскунанда, вале на ҳар ду, ба Конвенсияи ICSID ҳамроҳ шуда бошанд;

(3) ба арбитраж ё арбитражи трибуналии ad-hoc, ки мутобиқи Қоидаҳои Арбитражии Комиссияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи байналмилалии тиҷоратӣ (UNCITRAL,) таъсис дода шудааст;

(4) ба Палатаи Байналмилалии Савдо, аз тарафи арбитраж ё трибунали ad-hoc мутобиқи қоидаҳои арбитражии ӯ.

2. Баҳсҳое, ки ба мақомоти дар банди 1, зербанди (в) моддаи мазкур зикрёфта барои муҳокима пешниҳод мегарданд, бояд баъд аз 60 рӯз,

аз санаи додани огоҳинома ба Тарафи Аҳдкунанда, тарафи баҳскунанда, пешниҳод шавад, вале на дертар аз панҷ сол аз рӯзе, ки сармоягузор маълумотро оид ба ҳодисае, ки ба сар задани баҳс сабаб мешавад, гирад.

## МОДДАИ 15
## РОЗИГИИ ТАРАФИ АҲДКУНАНДА

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда розигии қатъии худро барои пешниҳоди баҳс ба арбитражи байналмилалӣ, мувофиқи қисми мазкур, медиҳад. Аммо, дар сурати агар суд аллакай барои яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда қарори ниҳоии худро бароварда бошад, пешниҳод намудани баҳс ба арбитражи байналмилалӣ, гайриимкон аст.

2. Розигии дар банди 1 зикршуда, маънои рад кардани талабот аз истифодаи даъвои маъмурӣ ва судиро дорад.

## МОДДАИ 16
## МАКОНИ ГУЗАРОНИДАНИ АРБИТРАЖ

Ҳамаи муҳокимаҳои арбитражӣ бо дархости яке аз Тарафҳои баҳскунанда, дар давлате ки ба Конвенсия оид ба эътироф ва иҷро намудани қарори арбитражи берунмарзӣ, ки дар шаҳри Ню-Йорк 10 июни соли 1958 ба имзо расидааст, гузаронида мешавад. Даъвои пешниҳодшудаи ба арбитраж зери қисми мазкур, барои мақсадҳои моддаи 1 Конвенсияи Ню-Йорк, ҳамчун муносибатҳои тиҷоратии баамаломада ё додугирифт ҳисобида мешавад.

## МОДДАИ 17
## ТОВОНДИҲӢ

Тарафи Аҳдкунанда набояд ҳамчун дифоъ, талаби рад кардан, ҳуқуқи аз худ соқиткунӣ ё бо дигар сабабҳо арз намояд, ки товон ё дигар ҷубронҳо барои тамоми зарар ё қисми зарари гумонбаршуда қабул шуда буд ё мувофиқи товон, кафолат ё шартномаи суғурта қабул карда мешавад.

## МОДДАИ 18
## ҚОНУНҲОИ ТАТБИҚШАВАНДА

1. Трибунале, ки дар асоси қисми мазкур ташкил шудааст, баҳсро мувофиқи Созишномаи мазкур, қоидаҳо ва принсипҳои татбиқшавандаи қонунҳои байналмилалӣ, ҳал менамояд.

2. Масъалаҳои баҳсии моддаи 11, дар мавриди набудани дигар Созишнома, мутобиқи қонунгузории Тарафи Аҳдкунанда, тарафи баҳскунанда, қонун ё созишномаи танзимкунанда ва қонунҳои байналмилалии татбиқшаванда, ҳал карда мешаванд.

## МОДДАИ 19
## ҚАРОР ВА ИҶРО

1. Қарори арбитражӣ, ки метавонад қарор оид ба манфиатҳоро дар бар гирад, бояд барои Тарафҳои баҳскунанда ниҳоӣ ва ҳатмӣ бошад ва метавонад кӯмакҳои зеринро дар бар гирад:

(а) изҳорот, ки Тарафи Аҳдкунанда аз иҷро кардани ӯҳдадориҳои худ мувофиқи Созишномаи мазкур набарояд;

(б) ҷуброни пулӣ, ки манфиатҳои аз вақти зарар ё зиён расида то вақти пардохтро дар бар мегиранд;

(в) бозгардонидани пардохти аслӣ дар ҳолатҳои дахлдор, ба шарте ки Тарафи Аҳдкунанда метавонад ҷуброни пулӣ пардохт намояд ва бозгардонидан ғайриимкон аст;

(г) бо хоҳиши ҳар ду Тарафҳои баҳскунанда дигар намуди кӯмакҳо.

2. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда бояд чораҳои заруриро барои самарабахш иҷро гардидани қарорҳо оид ба ин модда андешад ва бояд ҳама қарорҳои баровардашудаи дар муҳокимаи судиро бе таъхир иҷро намояд.

## ҚИСМИ 2
## ТАНЗИМИ БАҲСҲО БАЙНИ ТАРАФҲОИ АҲДКУНАНДА

### МОДДАИ 20
### ДОИРА, МАШВАРАТ, МИЁНАРАВӢ ВА ОШТИШАВӢ

Ҳар гунна баҳсҳое, ки байни Тарафҳои Аҳдкунанда вобаста ба тафсир ва истифодаи Созишномаи мазкур ба миён меоянд, бояд ба қадри имкон, дӯстона ва тавассути машварат, миёнаравӣ ё оштишавӣ ҳал гарданд.

### МОДДАИ 21
### ОМОДА НАМУДАНИ МУҲОКИМАИ СУДӢ

1. Бо хохиши яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда, баҳсҳои марбут ба тафсир ё истифодаи Созишномаи мазкур бояд ба арбитражи трибуналӣ барои ҳал кардан на дертар аз 60 рӯз пас аз гирифтани чунин дархост аз ҷониби Тарафи Ахдкунандаи дигар, пешниҳод карда шавад.

2. Тарафи Аҳдкунанда наметавонад муҳокимаи судиро оид ба баҳс дар хусуси дахолат ба ҳуқуқҳои сармоягузоре, ки он сармоягузор ба суд мувофиқи қисми 1 боби 2 Созишномаи мазкур пешниҳод намудааст, огоз намояд (ба истиснои ҳолатҳое, ки Тарафи Ахдкунандаи дигар аз ӯҳдаи риоя ва иҷрои қарори баровардашуда оид ба баҳс намебарояд ё он муҳокимаи судӣ, ки бе қарори суди арбитражӣ ва бе дарназардошти талаботи сармоягузор манъ карда шуда буд).

3.

### МОДДАИ 22
### ТАЙЁРӢ БА СУД

1. Арбитражи трибуналии ad-hoc ба таври зерин ташкил карда мешавад:

Ҳар як Тарафи Ахдкунанда яктогӣ аъзои худро интихоб мекунад ва ин ду аъзо бо розигии ҳамдигар барои интихоби шаҳрванди давлати сеюм ҳамчун Раиси онҳо розигӣ медиҳанд. Ин аъзоҳо дар давоми ду (2) моҳ, аз рӯзе ки Тарафи Аҳдкунанда ба Тарафи Аҳдкунандаи дигар оид ба мақсади худ оид ба пешниҳоди баҳс ба суди арбитражӣ хабар медиҳад, интихоб карда мешаванд ва Раис дар давоми ду (2) моҳи дигар пас аз интихоби аъзоҳо интихоб карда мешавад.

2. Дар сурати агар мӯҳлати дар банди 1 муайяншуда риоя нагардад, яке аз Тарафҳои Ахдкунанда метавонад дар ҳолати набудани ягон чораҳои дахлдор, Раиси суди байналмилалиро барои таъиноти зарурӣ даъват

намояд. Дар сурати агар Раиси суди байналмилалӣ шаҳрванди яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда бошад ё бо дигар сабабҳо ин вазифаро иҷро карда натавонад, ҷонишини Раис ё дар ҳолати набудани ӯ, аъзои олимақоми суди байналмилалӣ бояд барои таъиноти зарурӣ, дар асоси шароитҳои якхела, даъват карда шавад.

3. Аъзои суди арбитражӣ бояд мустақил ва беғараз бошанд.

## МОДДАИ 23
## ҚОНУНҲОИ ТАТБИҚШАВАНДА ВА ҚОИДАҲОИ ЭЪЛОМНАШУДА

1. Суди арбитражӣ баҳсҳоро мутобиқи Созишномаи мазкур, қоидахо ва принсипҳое, ки дар қонунҳои байналмилалӣ истифода мешаванд ҳал менамояд.

2. Агар Тарафҳои баҳскунанда баҳсро бо дигар роҳ ҳал карда натавонанд, Суди доимии арбитражии ихтиёрии баҳсҳо барои ҳал намудани баҳсҳо ба масъалаҳое, ки бо дигар шартҳои ин қисм танзим намешаванд, истифода бурда мешавад.

## МОДДАИ 24
## ҚАРОРИ СУД

1. Суд дар қарори худ бо исбот кардани воқеияти қонун якҷоя бо сабабҳои он ва бо дархости Тарафи Аҳдкунанда метавонад намудҳои кӯмакҳои зеринро таъмин намояд:

(а) изҳорот, ки амали Тарафи Аҳдкунанда муқобили ӯҳдадориҳои ӯ аз рӯи Созишномаи мазкур мебошад;

(б) тавсиянома, ки Тарафи Аҳдкунанда амалҳои худро мувофиқи ӯҳдадориҳои худ мутобиқи Созишномаи мазкур мувофиқа мекунад;

(в) ҷуброни пулӣ барои ягон зарар ё зиён барои сармоягузорон ё сармоягузориҳои Тарафи Аҳдкунанда; ё

(г) дигар намуди қарорҳо, ки дар он Тарафи Аҳдкунандае, ки нисбати ӯ қарор қабул шудааст, онро қабул мекунад, аз он ҷумла ҷуброн дар намуди аслӣ ба сармоягузор.

2. Қарори суд барои Тарафҳои баҳскунанда ниҳоӣ ва ҳатмӣ мебошад.

## МОДДАИ 25
## ХАРОҶОТ

Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда бояд хароҷоти намояндаи худро дар муҳокимаи судӣ пардохт намояд. Хароҷоти суд бояд, ки баробар аз ҷониби Тарафҳои Аҳдкунанда, агар суд дастур надиҳад, ки хароҷот ба таври дигар тақсим мегардад, пардохт мешавад.

## МОДДАИ 26
## ИҶРО

Қарордодҳо оид ба пардохти ҷубронҳо, ки дар давоми як сол аз рӯзи қарордод иҷро нагардид, метавонанд, ки дар суди яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда, ки ба моликияти Тарафи гунаҳгор ҳуқуқи қонунӣ дорад, татбиқ гардад.

## БОБИ III. ШАРТҲОИ НИҲОӢ

### МОДДАИ 27
### ТАТБИҚ ВА ДОИРАИ СОЗИШНОМА

1. Созишномаи мазкур нисбат ба сармоягузориҳое татбиқ мегардад, ки дар қаламрави яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда тибқи қонунгузории он аз ҷониби сармоягузорони Тарафи Аҳдкунандаи дигар пештар ва баъд аз эътибор пайдо намудани Созишномаи мазкур сармоягузорӣ шудаанд.

2. Созишномаи мазкур то иҷрои талаботи моддаи 14 (1) (в), ки то қабули Созишнома оғоз шудаанд, татбиқ намегардад.

### МОДДАИ 28
### МАШВАРАТ

Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда оид ба масъалаҳои марбут ба Созишномаи маэкур метавонад ба Тарафи Аҳдкунандаи дигар ҷиҳати гузаронидани машваратҳо пешниҳод манзур намояд. Ин машваратҳо дар ҷойи муайян ва вақти муайяни мувофиқашуда бо роҳҳои дипломатӣ гузаронида мешаванд.

### МОДДАИ 29
### ЭЪТИБОРНОКӢ ВА МӮҲЛАТИ СОЗИШНОМА

1. Созишномаи мазкур бояд аз ҷониби Тарафҳо тасдиқ карда шавад ва дар рӯзи якуми моҳи сеюм пас аз моҳи иваз намудани санадҳои тасдиқӣ, эътибор пайдо мекунад.

2. Созишномаи мазкур дар муддати (10) даҳ сол эътибор дорад ва баъд аз он ба мӯҳлати номуайян тамдид мегардад, ба шарте ки яке аз тарафҳо на кам аз дувоздаҳ моҳ то ба охир расидани мӯҳлати мувофиқ ба таври хаттӣ Тарафи дигарро тавассути роҳҳои дипломатӣ дар бораи нияти қатъ кардани Созишномаи мазкур хабардор насозад.

4. Оид ба сармояҳое, ки пеш аз рӯзи қатъ гардидани Созишномаи мазкур гузошта шудаанд, муқаррароти моддаҳои аз 1 то 29 Созишномаи мазкур ба мӯҳлати даҳ соли дигар аз рӯзи қатъ гардидани ин Созишнома мавриди эътибор қарор мегиранд.

Созишнома дар шаҳри Душанбе «15» декабри соли 2010 дар ду нусха, ҳар кадом бо забонҳои немисӣ, англисӣ ва тоҷикӣ ба имзо расидааст. Дар сурати ба миён омадани ихтилофи назар дар тафсири муқаррароти Созишномаи мазкур, матни забони англисӣ бартарӣ дорад.

| | |
|---|---|
| АЗ ҶОНИБИ<br>ҶУМҲУРИИ АВСТРИЯ | АЗ ҶОНИБИ<br>ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН |